**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

07 майи соли 2026 №42/КТ ш.Душанбе

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография.**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Ш.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.;
   -доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Толибзода Қ.Қ.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 25 рӯз ба Шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии комиссияро дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н.